**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълими №8)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))**

Дар шароити муосир устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар асосан аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ таъмин гардида, таъсири кушодагии иқтисодиёт ба назар кам намоён мегардад. Ин вазъият водор месозад, ки стратегияи рушди муносибатҳои иқтисодии байналхалқии кишвар бо дарназардошти ба даст овардани баратарият дар низоми иқтисоди кушод омӯхта шавад. Бахусус барои кишваре чун Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи баромад ба баҳрро надорад, иқтисодиёташ хурди кушод буда, ҳануз пурра гуногунсамт нашудааст, равандҳои ҳамгироӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидаанд ва муносибатҳои тиҷоратию ҳамгироишавияш характери статикӣ дорад, бояд модели самараноки исифодаи иқтисодиёти берунаро коркард ва роҳандозӣ намояд. Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ собит месозад, ки дар ин маврид рушди муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ воситаи муҳими таъмини бартарияти рақобатӣ гардида ва рушди индустриалӣ-инноватсионии кишварро таъмин менамояд. Маҳз ин нуктаҳо саривақтӣ будани мавзӯи тадқиқоти диссертатсионии Сафаров Б.Г.-ро муайян мекунанд.

Муаллиф дар афтореферат асосҳои назариявӣ-илмӣ, консептуалӣ, муқоисавӣ ва таҷрибаи амалии рушди кишварҳои ҷаҳонро оид ба мафҳум ё категорияи иқтисодии “иқтисоди кушод” низомбандӣ намуда, шакли муосири зуҳуроти онро дар сатҳи макро ва мезоиқтисод таҳлил ва мушаххас намудааст. С.15-18.

Дар автореферат қайд гардидааст, ки тайи солҳои охир кишварҳои ИДМ дар соҳаи равандҳои ҳамгироӣ ба сатҳи ҷиддӣ нарасидаанд ва дар натиҷа дар соҳаи фаъолияти иқтисодии берунӣ беҳбудиии ҷиддӣ ба назар нарасид. Маълумотҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки ҳиссаи кишварҳои ИДМ дар гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ аз 80,3% дар соли 1991

то 49,06 % соли 2021 коҳиш ёфтааст. Ин тамоюли коҳиш дар амалиётҳои содиротию воридотӣ низ мушоҳида мешавад. Ҳиссаи маҳсулоти ба кишварҳои Иттиҳод содиршаванда дар давраи баррасишаванда аз 78.8% то 25,4% расида, воридоти молҳо бошад мутаносибан 82.0% ва 60,4%-ро ташкил менамояд. С.21.

Ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат зиёд мебошад, ба монанди муаллиф вазъи муосири иқтисоди кушод ва рушди савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ, ҷалби сармоя ва технология ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ арзёбӣ намуда, таъкид менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ ва ЭКО иқтидори бузурги рушди муносибатҳои тиҷоратӣ дорад ва дар оянда бо татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ (хусусан таъсиси марказҳои бисёрмодалии логистикӣ) метавонад самараи ҷуброни талабот ва пешниҳоди молҳои савдошавандаро дар низоми савдои хориҷии кишвар таъмин намояд. С.37-39

Дар баробари ин хуб мебуд муаллиф оид ба масъалаи иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон свот-таҳлил анҷом дода, самтҳои афалиятноки ҳамгироии мамлакатро муайян мекард.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Сафаров Б.Г. дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Д.и.и., профессори кафедраи**

**фаъолияти гумруки ДДТТ** **Раҷабов Р.К.**

*Имзои профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори Шуъбаи**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734061, кӯчаи Деҳотӣ, Ҷои кор,
почтаи эл.: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru, Тел: +992 (37) 234-83-46; +992 (37) 234-85-46